**Суратҷаласаи № 1-и**

маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.

аз 9 январи соли 2024

**Иштирок доштанд:**
аз 15 нафар аъзои Шурои
диссертатсионӣ 12 нафар,
аз рӯйи ихтисос 5 нафар

9 январи соли 2024, соати $13^{30}$ дар толори Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067 баргузор гардид. Вақти анҷоми маҷлис: $15^{00}$

**Раиси маҷлис**: доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

**Котиби илмӣ**: доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У.

**РӮЗНОМА:**

Ҳимояи диссертатсияи **Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидов** дар мавзуи “Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов” (ҷанбаи лингвистӣ) аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Гузориши раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф. шунида шуд.

Диссертатсия дар кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” Ваҳҳобов Толиб мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии МДТ “Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ “МИСиС” дар шаҳри Душанбе.

2. **Юсупов Абдулло Исмоилович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

Котиби илмии Шуро дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Гузориши Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ шунида шуд.

Диссертант ба саволҳои аъзои Шуро, докторони илмҳои филологӣ – Назарзода С., Суфизода Ш., Мақсудов Б., Раҳматуллозода С. ва Нуров П. ҷавоб дод.

**Роҳбари илмӣ** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" Ваҳҳобов Толиб тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби илмии Шуро матни тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшударо хонд.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои автореферат ҷавоб дод.

Гузориши муқарризони расмӣ - **Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии МДТ "Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ "МИСиС" дар шаҳри Душанбе ва **Юсупов Абдулло Исмоилович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино шунида шуд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Докторони илмҳои филологӣ Султон Ҳасан Баротзода, Нуров Пирмаҳмад, Назарзода Сайфиддин ва Раҳматуллозода Сахидод андешаҳои худро ба ҳайси муқарризони ғайрирасмӣ баён дошта, диссертатсия, автореферат ва дастоварду натиҷаҳои илмии довталабро баррасӣ намуданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ интихоб гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ – докторони илмҳои филологӣ Восиева Рухшона, Ҳакимов Аскар ва Султон Ҳасан Баротзода шомил гардиданд.

Аз 15 нафар аъзои Шуро 12 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Аъзои Шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қабул гардид.

**ҚАРОРИ**
**Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ**

**аз 9.01.2024** **ш. Душанбе**

Гузориши **Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович** дар мавзуи "Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов" (ҷанбаи лингвистӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, тақризи муассисаи пешбар, гузориши муқарризони расмӣ - **Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии МДТ "Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ "МИСиС" дар шаҳри Душанбе, **Юсупов Абдулло Исмоилович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, муқарризони ғайрирасмӣ, докторҳои илм Султон Ҳасан Баротзода, Нуров Пирмаҳмад, Назарзода Сайфиддин ва Раҳматуллозода Сахидодро шунида, баррасӣ карда, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи **Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович**

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи **Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович** дар мавзуи "Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов" (ҷанбаи лингвистӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба талаботи бандҳои 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Маводи илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба **Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович** дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дода шавад.
4. Ба додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба **Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович** аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори Шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 12 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У.

9.01.2024